**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Суроға: 734012, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2, тел.: (992-37) 233-08-50, факс: (992-37) 233-09-36
www.andoz.tj, info@andoz.tj РМА 010008783

№ 985/111.1-9 аз «22» 01 соли 2020

Ба №________ аз «____»__________ соли 20___

Мақомоти
ҳудудии андоз

Оид ба тағйиру иловаҳое, ки тибқи Қонуни
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2020, №1676
ба Кодекси андоз ворид шудааст

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани Қонуни мазкур чунин дастур медиҳад.

Тибқи моддаи 1 Қонуни номбурда ба Кодекси андоз тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шудааст:

1. Дар моддаи 3:

- ба номи модда пас аз калимаи «андозҳо» калимаҳои «ва имтиёзҳо» илова карда шуд;

- дар қисми 1 калимахои «бекор кардани андозҳои» ба калимаҳои «бекор кардани андозҳо ва имтиёзҳои» иваз карда шуд.

- қисми 2 дар таҳрири зерин илова карда шуд:

«2. Тартиби пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ бо пешниҳоди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти давлатии дахлдори дигар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. ».

Тағйироти мазкур ҷиҳати муқаррар намудани заминаи ҳуқуқӣ барои қабули Тартиби пешниҳод ва хориҷ намудани имтиёзҳои андозӣ ворид карда шудааст.

2. Дар моддаи 17:

Бандҳои 55), 56) ва 57) бо мазмуни зерин илова карда шуданд:

«55) Махзани электронӣ - модули барномаи компютерие, ки дар заминаи ҳисоботи муҳосибӣ барои муайян намудани баҳисобгирии дурусти муомилоти молу маҳсулоти андозсупорандагон ва манбаъҳои

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ
ВОРИДА 221-9
«23» 01 с.2020

андозбандӣ истифода бурда мешавад. Тартиби пешбурди он аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.

56) Амалиёти азнавбаҳодиҳии асъор ва металлҳои қиматбаҳо - амалиёте, ки бинобар тағйир ёфтани қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ ва металлҳои қиматбаҳо бо мақсади танзими ҳисоботи дахлдори тавозуни ташкилот (корхона, муассиса) новобаста ба майлу хоҳиши он анҷом дода шуда, вобаста ба мусбат ва ё манфӣ будани натиҷаи ниҳоии он (фарқияти ниҳоии даромаду хароҷоти азнавбаҳодиҳӣ) дар давраи ҳисоботӣ ё ба даромад ва ё ба хароҷоти ташкилот мансуб дониста мешавад.

57) Мошинҳои назоратӣ - хазинавӣ - мошинҳои электронии ҳисоббарор, воситаҳои дигари компютерӣ ва комплектии онҳо бо хотираи фискалӣ ва (ё) дастгоҳҳои нигоҳдории маълумоти дорои функсияҳои насбкунӣ ва интиқоли маълумот, ки барои бақайдгирӣ ва инъикоси маълумоти ҳисоббаробаркунии пулӣ ҳангоми фурӯши молҳо, кор ва хизматрасонӣ истифода шуда, ҳар моҳ сабти тасҳеҳшуда (танзимшуда), чопкунӣ ва нигоҳдории маълумотро новобаста ба мавҷудияти қувваи барқ ва интиқоли ҳуҷҷатҳои фискалӣ ба мақомоти андоз тавассути операторҳо таъмин менамоянд. ».

Иловаҳои мазкур хусусияти таҳририӣ дошта, бо мақсади аз байн бурдани гуногунфаҳмиҳо байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон ва инчунин ҷиҳати мушаххас муайян намудани мафҳуми «Махзани электронӣ», «Амалиёти азнавбаҳодиҳии асъор ва металлҳои қиматбаҳо» ва «Мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ» муқаррар карда шудааст.

3. Моддаи 17[1] бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«Моддаи 17[1] Утоқи шахсии андозсупоранда

1. Утоқи шахсии андозсупоранда (минбаъд – утоқи шахсӣ) – саҳифаи маълумоте, ки дар сомонаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар шабакаи Интернет нигоҳ дошта мешавад. Тартиби пешбурди он аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.

2. Утоқи шахсӣ аз ҷониби андозсупоранда барои дар шакли электронӣ аз мақомоти андоз гирифтани иттилоот ва ба мақомоти андоз пешниҳод намудани ҳисоботи андоз истифода мешавад.

3. Муқаррароти қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур нисбати талаботи дар моддаҳои 27 ва 87 Кодекси андоз пешбинишуда татбиқ намешавад.».

Тағйироти мазкур асосҳои ҳуқуқиро ҷиҳати ташкили утоқи шахсии андозсупоранда ва тартиби табодули маълумот дар шакли электронӣ муқаррар намуда, барои сарфаи вақт ва кам намудани хароҷоти андозсупорандагон равона карда шудааст. Ҳамзамон, бо назардошти он, ки утоқи шахсии андозсупоранда ба муносибатҳои мақомоти андоз ва андозсупорандагон дар мавриди пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ вобаста мебошад, дар қисми 3 моддаи мазкур бо таври мушаххас пешбинӣ гардидааст, ки муқаррарот вобаста ба утоқи шахсии андозсупоранда муносибатҳои байниҳамдигарии мақомоти андозро бо дигар мақомотҳои давлатӣ дар бар намегирад.

4. Дар қисми 1 моддаи 18 сархати ҳабдаҳум бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«- ҷиҳати тартиб додани санади муқоисавӣ ба мақомоти андоз муроҷиат намуда, варақаи санади муқоисавиро гирад.».

5. Дар моддаи 19:

- қисми 1:

- аз сархати дуюм калимаҳои «, аз ҷумла доир ба тартиб додани санади муқоисавӣ» хориҷ карда шуд;

- ба сархати чорум пас аз калимаҳои «эъломияҳои андоз» калимаҳои «бо дар назар доштани имтиёзҳои андозӣ» илова карда шуд;

- қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«2. Агар дар моддаи 18 тартиби дигар муқаррар нагардида бошад, андозсупоранда уҳдадор аст дар мӯҳлатҳои зерин санади муқоисавиро бо мақомоти андоз тартиб диҳад:

- хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ – ҳар сол як маротиба;

- андозсупорандагоне, ки дар низоми содакардашудаи андозбандӣ қарор доранд – як маротиба дар ҳар шаш моҳ;

- андозсупорандагоне, ки дар низоми умумии андозбандӣ қарор доранд – як маротиба дар ҳар се моҳ.».

Зимнан, тағйиротҳо ба моддаҳои 18 ва 19 Кодекси андоз ҳуқуқ ба дастрасии санади муқоисавӣ ба андозсупорандаро муқаррар намуда, дар ин замина уҳдадории андозсупорандаро ҷиҳати дар мӯҳлатҳои муқарраргардида бо мақомоти андоз тартиб додани санади муқоисавиро мушаххас муайян намуд. Бо ин сабаб мактуби дастурии қаблии Кумитаи андоз аз 21.06.2019, №9683/5.1, мӯҳлати тартиб додани санади муқоисавиро муқаррар менамуд, беэътибор дониста мешавад.

6. Дар моддаи 27 қисми 7 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«7. Мақомоти ваколатдори соҳавӣ уҳдадоранд бо тартиби муқарраргардида ба мақоми ваколатдори давлатӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ ҳар сол то 20 январи соли минбаъдаи тақвимӣ ҳисобот пешниҳод намоянд.».

Тағйироти мазкур мақомоти ваколатдори соҳавиро уҳдадор менамояд, ки мониторинги самаранокии имтиёзҳоро ба роҳ монда аз натиҷаи он ба Кумитаи андоз ва Вазорати молия барои соли ҳисоботӣ то 20 январи соли минбаъда ҳисобот пешниҳод намоянд.

7. Дар сархати якуми қисми 1 моддаи 78 калимаи “сеюм” ба калимаи “чорум” иваз карда шуд.

Тағйироти мазкур расмиёти аз ҳисоб баровардани қарзҳои андозии беэътимод эътироф гардидаро мушаххас ва содда менамояд, яъне минбаъд дар ҳолати муфлис эътироф шудани андозсупорандае, ки молу мулки он барои пушонидани уҳдадории андози нокифоя мебошад, агар бо қарори суд тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, қарзи андоз аз ҳисоб бароварда шуда дониста мешавад.

8. Сархати шонздаҳуми қисми 1 моддаи 90 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- ҳар моҳ ба мақомоти молия маълумоти заруриро оид ба маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозию ғайриандозӣ, бақияпулиҳои андозӣ, имтиёзҳои андозӣ, манбаъҳои андозбандӣ ва шумораи андозсупорандагон дар доираи созишномаи дуҷониба пешниҳод менамояд;».

Тағйироти мазкур ҳамкориҳои мақомоти андоз ва молияро тақвият бахшида, замина ба вуҷуд меоварад, ки минбаъд Кумитаи андоз дар асоси созишномаи дуҷониба ҳар моҳ ба Вазорати молия вобаста ба масъалаҳои дар қонун омада маълумот пешниҳод намояд.

9. Ба сархати якуми қисми 2 моддаи 102 пас аз калимаи “интернатсионалист” калимаҳои “, инчунин маъюбон аз кӯдакӣ ва” илова карда шуд.

Тағйироти мазкур ба шахсони воқеъии аз кӯдаки маъюб имтиёзи андозиро пешбинӣ менамояд, минбаъд онҳо аз даромад дар шакли музди меҳнати - кормандони кироя гирифта барои ҳар моҳи тақвимӣ дар ҳаҷми 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо тарҳи шахсӣ иҷозат дода мешавад.

10. Ба моддаи 104 бандҳои 18) ва 19) бо мазмуни зерин илова карда шуд:

“18) Даромад аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ парвариш (истеҳсол) карда шудааст, бе коркарди саноатӣ ва содироти он.

19) Маблағи бонусҳо, кэшбек ва дигар механизмҳои ҳавасмандгардонӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба муштариён ҳангоми истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ пешниҳод мегарданд.».

Тағйиротҳои мазкур бо мақсади ҳавасмандгардонии шаҳрвандон ҷиҳати самаранок истифода намудани замини наздиҳавлигӣ ва пардохтӣ ғайринақдӣ қабул шудааст.

Минбаъд даромади шахси воқеӣ аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ парвариш (истеҳсол) карда шудааст, мавриди андозбандӣ қарор дода намешавад, агар он коркарди саноатӣ ва ба хориҷӣ кишвар содирот нашуда бошад.

Ҳамчунин даромади муштариён дар шакли бонусҳо, кэшбек ва дигар механизмҳои ҳавасмандгардонӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳангоми истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ пешниҳод мегарданд, аз пардохти андоз аз даромад озод карда шудааст.

11. Аз сархатҳои якум, дуюм ва сеюми банди 1), сархатҳои якум, дуюм ва сеюми банди 2) қисми 1 ва қисми 3 моддаи 109 калимаҳои «, вале на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ» хориҷ карда шуд.

Бо назардошти тағйироти ба моддаи 109 Кодекси андоз воридшуда меъёри **вале на кам аз 1 фоиз аз даромади умумӣ** хориҷ карда шуд, бинобар ин минбаъд новобаста аз он, ки фаъолияти молиявии солонаи корхона бо зарар ҷамъбаст шуда бошад ва ё маблағи ҳисобшудаи андоз аз фоида аз 1 фоизи даромади корхона кам бошад, корхона уҳдадор

намебошад, ки андоз аз фоидаро аз даромади умумии солонаи худ на кам аз 1 фоиз ҳисоб ва ба буҷет пардохт намояд.

Ба инобат гирифта шавад, ки мутобиқ ба талаботи моддаи 157 Кодекси андоз супорандагони андоз аз фоида, уҳдадоранд пардохти ҷории ҳармоҳаро (ҳар семоҳаро) ба буҷет на дертар аз санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз моҳи (семоҳаи) ҳисоботӣ фаро мерасад, анҷом диҳанд.

**Мисоли 1:** Дар соли ҳисоботӣ даромади ҶДММ «А» 1 500 000 сомонӣ ва маблағи хароҷотҳои аз даромад тарҳшаванда 1 700 000 сомониро ташкил медиҳад. Яъне, дар ин соли ҳисоботӣ ҷамъият фаъолияти молиявии худро ба маблағи 200 000 сомонӣ бо зарар ҷамбаст намудааст. Аз ин сабаб нисбати ҷамъият уҳдадорӣ оид ба пардохти андоз аз фоида барои соли ҳисоботӣ пайдо намешавад, яъне ҷамъият уҳдадор намебошад, ки аз даромади умумии 1 500 000 сомонӣ **1 фоиз** андоз аз фоида ба маблағи 15000 сомонӣ ҳисоб ва ба буҷет пардохт намояд.

**Мисоли 2:** Агар корхонаи истеҳсолӣ ҶДММ "А" дар соли ҳисоботӣ фаъолияти молиявии худро ба маблағи -100 000 сомонӣ (1500000-1400000) бо фоида ҷамбаст намуда бошад, ҷамъият уҳдадор мегардад, ки аз фоидаи андозбандишаванда, яъне 100 000 сомонӣ андоз аз фоидаро бо меъёри дар моддаи 109 Кодекси андоз пешбинигардида 13 фоиз ба маблағи 13000 сомонӣ ҳисоб ва ба буҷет пардохт намояд.

12. Дар қисми 1 моддаи 110 банди 8) бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«8) Даромад аз азнавбаҳодиҳии асъор ва металлҳои қиматбаҳои Бонки миллии Тоҷикистон.».

Мутобиқи тағйирот ба моддаи 110 Кодекси андоз бо назардошти муқаррароти банди 56 моддаи 17 Кодекси андоз минбаъд фарқияти ниҳоии мусбии азнавбаҳодии асъор ва металлҳои қиматбаҳои Бонки миллӣ аз пардохти андоз аз фоида озод карда шуд.

13. Дар қисми 9 моддаи 112 сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«- фарқияти қурби асъор, ки аз қарзҳои шахсони мутақобилан вобаста гирифта шудаанд;».

Тибқи тағйироти мазкур ҳамагуна хароҷотҳое, ки аз фарқияти манфии қурби асъор, ки аз қарзҳои шахсони мутақобила вобаста гирифта шуда, ба вуҷуд меоянд бо мақсади андоз аз фоида ба маблағҳои тарҳшаванда дохил карда намешаванд, асоснокии он дар шарҳи тағйиротҳои қисми 3 моддаи 114 Кодекси андоз мушаххас баён карда шудааст.

14. Дар моддаи 114:

- аз қисми 2 калимаҳои "то ба истифода додани" хориҷ карда шуд.

Тибқи тағйироти мазкур минбаъд пас аз ба истифода додани воситаҳои асосӣ низ ҳамагуна фоизҳои қарзхое, ки бинобар харидорӣ намудан ва (ё) сохтани воситаҳои асосии истеҳлокшаванда пардохт мешаванд ё ба хароҷоте вобастаанд, ки ба тағйирёбии арзиши онҳо таъсир мерасонанд, аз даромади умумии солона тарҳ карда намешаванд, вале арзиши чунин воситаҳои асосиро зиёд менамоянд. Яъне, чунин

фоизҳои қарзӣ дар лаҳзаи пардохт ба хароҷотҳои тарҳшаванда гирифта нашуда, ба арзиши воситаҳои асосӣ дохил карда шуда, минбаъд онҳо дар шакли истеҳлок мутобиқи муқаррароти моддаи 118 Кодекси андоз аз даромади умумии солона тарҳ карда мешаванд.

- қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

“3. Нисбат ба корхона, агар зиёда аз 25 фоизи ҳисса дар сармояи оинномавиаш (шарикиаш) мустақим ё ғайримустақим ба ғайрирезидентҳо ё шахсони ҳуқуқии аз андоз аз фоида озод тааллуқ дошта бошад, доир ба ҳар як қарзи дар доираи давраи андоз истифодашуда фоизҳои пардохтшуда мувофиқи қисми 1 ҳамин модда тарҳ карда мешаванд, аммо маблағи ниҳоии фоизҳое, ки мувофиқи қисми 1 ҳамин модда метавонанд тарҳ шавад, бо маблағи фоизҳое, ки аз меъёри ҳадди ниҳои фоизҳо зиёд мебошанд, маҳдуд мегардад.

Барои мақсадҳои ҳамин модда меъёри ҳадди ниҳоии фоизҳо бо роҳи тақсим намудани маблағи фоизи қарзҳо ба коэффисиенти сармояи оинномавӣ муайян карда мешавад. Коэффисиенти сармояи оинномавӣ бо роҳи тақсими маблағи қарзӣ пардохтнашуда дар охири давраи ҳисоботӣ ба арзиши ҳиссаи иштироки муассиси хориҷӣ дар сармояи оинномавӣ ва тақсими он ба 3 муайян карда мешавад. Таҳти мафҳуми қарз ҳама гуна қарзҳои молӣ ва тиҷоратӣ, амонатҳои бонкӣ ва қарзҳои дигар, новобаста ба шакли барасмиятдарории онҳо дониста мешаванд.”.

Тағйиротҳои мазкур бо мақсади мушаххас муайян намудани меъёрҳои танзимкунандаи ҷалби қарзҳо аз шахсони мутақобилан вобаста ва пешгирии имконияти сӯистифода намудани муассисони хориҷӣ аз муқаррароти қонунгузорӣ қабул карда шуд. Илова бар ин, тағйироти мазкур ҳолати истифода намудани имтиёзоти андозӣ ва бе маҳдудият гирифтани қарзҳои бесамар бо асъори хориҷӣ аз муассисон ва шахсони мутақобилан вобастаро пешгирӣ намуда, барои кам намудани хароҷотҳо дар шакли фоизҳои қарзӣ, аз як давлат ба давлати дигари имтиёзнок бурдани фоида, ба шахсони ҳуқуқии дорои имтиёзи андозӣ гузаронидани фоида ва зиёд намудани манбаи андозбандишавандаи андоз аз фоида ва андоз аз суди саҳмияҳо (дивидент) мусоидат менамояд.

Яъне, тибқи тағйироти мазкур корхонае, ки зиёда аз 25 фоизи ҳисса дар сармояи оинномавиаш мустақим ё ғайримустақим ба ғайрирезидентҳо ё шахсони ҳуқуқии аз андоз аз фоида озод тааллуқ дошта бошад, фоизҳои пардохтшуда бо маблағи фоизҳое, ки аз меъёри ҳадди ниҳои фоизҳо зиёд мебошанд, ба хароҷотҳои тарҳшаванда гирифта намешаванд.

Меъёри ҳадди ниҳоии фоизҳо бо роҳи тақсим намудани маблағи фоизи қарзҳо ба коэффисиенти сармояи оинномавӣ муайян карда мешавад, яъне МҲН=МФҚ/КСО.

Коэффисиенти сармояи оинномавӣ бошад, бо роҳи тақсим намудани маблағи қарзи пардохтнашуда дар охири давраи ҳисоботӣ ба арзиши ҳиссаи иштироки муассиси хориҷӣ дар сармояи оинномавӣ ва тақсими он ба 3 муайян карда мешавад, КСО=(МҚПН/ҲИСМХ)/3.

**Дар ин формулаҳо:**

**МҲН** – меъёри ҳадди ниҳоии фоизҳо;

**МФҚ**-маблағи фоизи қарзҳо;

**КСО**- коэффисиенти сармояи оинномавӣ;

**МҚПН**- маблағи қарзи пардохтнашуда;

**ҲИСМХ**- арзиши ҳиссаи иштироки муассиси хориҷӣ дар сармояи оинномавӣ.

**Мисоли 3.** Сармояи оинномавии ҶДММ "Б" маблағи 5,0 млн. сомонӣ, ки 100 фоиз ба ғайрирезидент тааллуқ дорад, маблағи қарзи пардохтнашудаи шахсони мутақобилан вобаста ворид намуда ба охири давраи ҳисоботи 30,04 млн. сомонӣ (3,13 млн. доллар ИМА), фоизи қарзи 7% ва маблағи фоиз дар соли ҳисоботӣ 3,6 млн. сомонӣ мебошад. Қурби 1 доллари ИМА ба аввали соли ҳисоботӣ 9,6 сомонӣ ва ба охири давраи ҳисоботӣ 10,2 сомонӣ мебошад. Фарқияти қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ 2160 ҳазор сомонӣ ташкил медиҳад (3,6 млн. сомонӣ*0,6= 2160 ҳазор сомонӣ).

Нишондодҳо дар мисоли овардашуда чунин мебошанд:

- арзиши ҳиссаи иштироки муассиси хориҷӣ дар сармояи оинномавӣ (ҲИСМХ) - 5,0 млн. сомонӣ;
- маблағи қарзи пардохтнашуда дар охири давраи ҳисоботӣ (МҚПН) - 30,04 млн. сомонӣ;
- маблағи фоизи қарзҳо (МФҚ) - 3,6 млн. сомонӣ.

Аз рӯи ин нишондодҳо бо истифода аз тағйиротҳои қисми 3 моддаи 114 Кодекси андоз маблағи ҳадди ниҳоии фоизҳои қарзии аз шахсони мутақобилан вобаста гирифташуда чунин муайян карда мешавад:

КСО = (30.04/ 5)/3=2.

МҲН = 3,6/2=1,8 млн. сомонӣ.

Дар мисоли мазкур муайян карда шуд, ки маблағи ҳадди ниҳоии фоизҳои қарзӣ, ки бо мақсади муайян намудани манбаи андоз аз фоида ба хароҷотҳои тарҳшаванда дохил карда мешавад, на 3,6 млн. сомонӣ балки ҳамагӣ 1,8 млн. сомонӣ мебошад.

Ғайр аз ин, тибқи тағйиротҳо ба қисми 9 моддаи 112 Кодекси андоз фарқияти қурби пули миллӣ нисбат ба асъор, ки аз қарзҳои шахсони мутақобилан вобаста пайдо шудааст 2160 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки он ба хароҷотҳои тарҳшаванда гирифта намешаванд.

Тағйиротҳое, ки ба моддаҳои 109 ва 114 Кодекси андоз вобаста ба андоз аз фоида ворид гардиданд, ба фаъолияти молиявии соли 2020 дахл дошта, ҳангоми ҳисоб намудани андоз аз фоида барои соли ҳисоботии 2019 татбиқ намегарданд.

15. Қисми 9 моддаи 183 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«9. Новобаста аз муқаррароти моддаи мазкур, баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда, ки барои хариди молҳо ва воридоти молҳо аз ҷониби ташкилоти бо фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминоту фурӯш машғулбуда пардохта шудааст, танҳо ҳангоми фаро

расидани амалиёти андозбандишавандаи давраи ҳисоботӣ иҷозат дода мешавад.».

Тибқи тағйироти мазкур супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, ки бо фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминоту фурӯш (минбаъд-фаъолияти савдо) машғул мебошанд, минбаъд аз 8 феврали соли 2020 баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашударо вобаста ба хариди мол тибқи тартиби муайяншуда танҳо дар лаҳзаи фурӯши мол, амалӣ карда метавонанд.

Бо мақсади дуруст мавриди амал қарор додани муқаррароти қисми 9 моддаи 183 Кодекси андоз, чунин супорандагони ААИ вазифадор мебошанд, ки маблағи бақияи моли дар анбор бударо мутобиқи ба ҳисобгирии муҳосибӣ ба санаи 01.02.2020 муайян намуда маблағи ААИ, ки аз ин ҳисоб қаблан баҳисоб гирифта шуда буданд, бекор намуда, тасҳеҳоти дахлдорро бо эъломияи иловагӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

Супорандагони ААИ, ки ба фаъолияти савдо машғуланд, ҳангоми пешниҳоди эъломияи андоз аз арзиши иловашуда барои моҳи январи соли ҷорӣ, дар қисми 4 эъломия (“ҳисобот оиди бақияи молҳо”) бақияи молҳои худро аз ҳисоби давраҳои пешин пурра мутобиқ ба амбори электронии барномаи компютерӣ дарҷ намояд, зеро чунин супорандагони ААИ барои давраи ҳисоботии моҳи феврал ва минбаъд баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашударо дар эъломияҳо, танҳо дар мавриди фурӯши молҳо амалӣ карда метавонанд.

16. Дар қисми 2 моддаи 249 сархати чорум бо мазмуни зайл илова карда шуд:

«- даромад ва хароҷот аз азнавбаҳодиҳии асъор ва металлҳои қиматбаҳои Бонки миллии Тоҷикистон.».

Мутобиқи тағйирот ба моддаи 249 Кодекси андоз бо назардошти муқаррароти банди 56 моддаи 17 Кодекси андоз, минбаъд фарқияти ниҳоии манфии азнавбаҳодии асъор ва металлҳои қиматбаҳои Бонки миллӣ аз пардохти андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард озод карда шуд.

17. Дар моддаи 290 қисми 4 дар таҳрири зерин илова карда шуд:

«4. Соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунандае, ки даромади умумиашон дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз дувоздаҳ моҳи пурраи муттасили (пай дар пайи) тақвимии гузашта аз ҳадди даромад бештар гардидааст, уҳдадоранд ба низоми умумии андозбандӣ бо таъсис додани шахси ҳуқуқӣ гузаранд. Бо мақсади андозбандӣ уҳдадориҳои чунин соҳибкорони инфиродӣ ба шахси ҳуқуқии мазкур мегузаранд.».

Тибқи тағйироти мазкур агар даромади умумии соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз дувоздаҳ моҳи пурраи муттасила (пай дар пайи) тақвимии гузашта аз 1 млн. сомонӣ зиёд шуда бошад, чунин соҳибкори инфиродӣ уҳдадор аст, ба низоми умумии андозбандӣ бо таъсис додани шахси ҳуқуқӣ гузарад. Ба инобат гирифта шавад, ки барои

мақсадҳои андозбандӣ уҳдадориҳои чунин соҳибкори инфиродӣ ба шахси ҳуқуқии мазкур мегузарад.

Вобаста ба ин, ба сархати панҷуми қисми 9 моддаи 29 пас аз калимаҳои «ба истисnoи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ» калимаҳои «ва соҳибкорони инфиродие, ки тибқи моддаи 290 Кодекси мазкур ҳуқуқи гузариш ба низоми умумиро пайдо намудаанд» илова карда шуд. Минбаъд ҳангоми қатъӣ фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки ҳуқуқи гузариш ба низоми умумии андозбандиро доранд, санҷишҳои ғайринақшавии маҷмӯӣ ё мавзӯӣ гузаронида намешаванд.

18. Ба моддаи 291 қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«4. Андозсупорандагон ҳуқуқ доранд ихтиёран андози низоми содакардашударо аз фарқияти даромад ва хароҷот пардохт намоянд, агар ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирӣ тибқи шакли муқарраргардида дар мухлатҳои зерин ариза пешниҳод намоянд:

1) андозсупорандагони навтаъсис – дар давоми 5 рӯзи корӣ пас аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ;

2) андозсупорандагони амалкунанда – то 31 декабри соли тақвимӣ.».

Дар моддаи 292 қисми 2 дар таҳрири зерин илова карда шуд:

«2. Объекти андозбандии андози низоми содакардашуда барои андозсупорандагони дар қисми 4 моддаи 291 муайяншуда даромади умумие мебошад, ки ба маблағи тарҳҳои пешбининамудаи боби 18 Кодекси мазкур кам карда шудааст.»;

Дар моддаи 293 қисми 5 бо мазмуни зерин илова карда шуд:

«5. Барои супорандагони андози низоми содакардашудаи дар қисми 4 моддаи 291 Кодекси мазкур муайяншуда манбаи андоз ифодаи пулии даромади умумии дар давраи андоз гирифташуда, бо дар назар доштани тарҳи хароҷоти иҷозатдодашуда эътироф карда мешавад.».

Моддаи 296 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Моддаи 296. Меъёрҳои андоз

Меъёри андози низоми содакардашуда ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

1) Барои амалиётҳои супорандагони моддаи 291 Кодекси мазкур, ба истиснои қисми 4 ҳамин модда:

а) Барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо:

- аз рӯи амалиётҳои ғайринақдӣ 4 фоиз;
- аз рӯи амалиётҳои нақдӣ 5 фоиз.

б) Барои намудҳои дигари фаъолият:

- аз рӯи амалиётҳои ғайринақдӣ 5 фоиз;
- аз рӯи амалиётҳои нақдӣ 6 фоиз.

2) Барои амалиётҳои андозсупорандагони қисми 4 моддаи 291 Кодекси мазкур пешбинишуда:

а) Барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо:

- аз рӯи амалиётҳои ғайринақдӣ 13 фоиз;
- аз рӯи амалиётҳои нақдӣ 14 фоиз.

б) Барои намудҳои дигари фаъолият:

- аз рӯи амалиётҳои ғайринакдӣ 15 фоиз;
- аз рӯи амалиётҳои накдӣ 16 фоиз.».

Дар қисми 2 моддаи 297 калимаҳои «якчанд намудҳои фаъолият» ба калимаҳои «амалиёти накдӣ ва ғайринакдӣ» иваз ва қисмҳои 3 ва 4 илова карда шуд:

«3. Барои супорандагони андози низоми содакардашудаи дар қисми 4 моддаи 291 Кодекси мазкур муайяншудае, ки баҳисобгириро бо усули кассавӣ пеш мебаранд, лаҳзаи гирифтани даромад мутобиқи моддаҳои 142 ва 143 Кодекси мазкур дар санаи гирифтани он эътироф гардида, тарҳи хароҷот дар санаи амалӣ намудани он анҷомдодашуда дониста мешавад.

4. Аз даромади умумӣ тамоми хароҷоти тасдиқшудаи воқеан анҷомдодаи марбут ба давраи ҳисоботии бо гирифтани чунин даромад алоқаманд, мутобиқ ба муқаррароти моддаҳои 111-113, 118, 119, 122 ва 123 Кодекси мазкур тарҳ карда мешаванд.»;

Тибқи тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 291, 292, 293 ва 296 Кодекси андоз минбаъд дар баробари тартиби амалкунанда, яъне аз даромади умумӣ бе тарҳи хароҷот ҳисоб ва пардохт намудани андози содакардашуда, ба андозсупоранда ҳуқуқ дода шудааст, ки ихтиёран андози низоми содакардашударо бо тартиби нав, яъне аз фарқияти даромади умумӣ ва хароҷотҳо (аз фоида) ҳисоб ва пардохт намоянд. Яъне, объекти андозбандии андози низоми содакардашуда ҳамчун фарқи байни даромади умумӣ ва маблағи тарҳҳои пешбининамудаи боби 18 Кодекси андоз дониста мешавад.

Барои истифода намудани чунин тартиб андозсупорандаи навтаъсис - дар давоми 5 рӯзи корӣ пас аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ва андозсупорандаи амалкунанда – то 31 декабри соли тақвимӣ бояд ба мақомоти андози маҳали қайд ариза пешниҳод намояд. Гузариши ба тартиби мазкур дар яке аз санаҳо барои андозсупорандаи навтаъсис аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ ва барои андозсупорандаи амалкунанда аз аввали соли минбаъдаи тақвими пас аз пешниҳоди ариза эътибор пайдо мекунад.

Меъёри низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкори хурд дар баробари намудҳои фаъолият (яъне истеҳсоли молҳо ва дигар намуди фаъолият) аз рӯи амалиётҳои ғайринакдӣ ва накдӣ муқаррар карда шудааст.

Меъёрҳо барои аз даромади умумӣ ҳисоб ва пардохти андози низоми содакардашуда бошад, барои фаъолияти истеҳсоли молҳо аз рӯи амалиёти ғайринакдӣ 4% ва амалиёти накдӣ 5% ва барои намудҳои дигари фаъолият мутаносибан 5% ва 6% муқаррар карда шуд.

Меъёрҳо барои аз фоида ҳисоб ва пардохти андози низоми содакардашуда барои фаъолияти истеҳсоли молҳо аз рӯи амалиётҳои ғайринакдӣ 13% ва аз рӯи амалиёти накдӣ 14% барои намудҳои дигари фаъолият мувофиқан 15% ва 16% муқаррар карда шуд.

Барои супорандагони андози низоми содакардашудаи дар қисми 4 моддаи 291 Кодекси андоз пешбинишуда, ки баҳисобгириро бо усули кассавӣ пеш мебаранд, лаҳзаи гирифтани даромад мутобиқи моддаҳои 142 ва 143 Кодекси андоз дар санаи гирифтани он эътироф гардида, тарҳи хароҷот дар санаи амалӣ намудани он анҷомдодашуда дониста мешавад. Барои дуруст татбиқ намудани муқаррароти мазкур андозсупоранда бояд баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи андозиро низ мутобиқ ба муқаррароти қонунгузории амалкунанда пеш бурда тамоми хароҷотҳои бо ҳуҷҷатҳои аввалаи муҳосибӣ тасдиқшудаи воқеан анҷомдодаи марбут ба давраи ҳисоботии бо гирифтани чунин даромад алоқамандро, мутобиқ ба муқаррароти моддаҳои 111-113, 118, 119, 122 ва 123 Кодекси андоз тарҳ намояд.

19. Тағйиру иловаҳои ба моддаҳои 38, 39, қисми 4 моддаи 125, қисми 8 моддаи 156, қисми 5 моддаи 184, қисми 1 моддаи 189 ва дигар тағйиротҳо ба Кодекси андоз хусусияти таҳрирӣ ва мутобиқгардонӣ ба қонунгузории ҷорӣ дорад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур, пас аз як моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешаванд.

Бо назардошти он, ки Қонун дар нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ҷумҳурият" санаи 8 январи соли ҷорӣ (№4-7) ба чоп расидааст, тағйироти қабулгардида аз санаи 8 феврали соли ҷорӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

Бо назардошти муқаррароти қайдгардида, сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки тамоми кормандони андозро бо мактуби дастурии мазкур шинос намуда, бо мақсади дуруст татбиқ намудани талаботи он ба субъектҳои хоҷагидорӣ мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, аз натиҷаи он ба Кумитаи андоз ахборот пешниҳод намояд.

Раис Н. Давлатзода